Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-030-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Шеров Шодиҷон Салуматшоевич «Робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.04 – масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ пешниҳод шудааст

Бухрони солҳои аввали Истиқлоли давлатӣ ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъсири ҷиддӣ расонид: бекорӣ, шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисод ва муҳоҷирати дохилӣ ва берунӣ афзоиш ёфт. Албатта, барқарорсозии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва мутаносибан, амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ, яъне ҳуқуқ ба меҳнати шоиста ҷанбаи дарозмуддат дорад ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи таъсиси ҷойҳои корӣ чун яке аз самтҳои муҳимми амалисозии ҳуқуқи конститутсионӣ ба кор таваҷҷуҳи хос зоҳир менамояд.

Ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар бахши муҳоҷиратии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, аз танзими рафтуомад, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва пойдор намудани қонуният зимни муҳоҷират иборат мебошад.

Қабул ва амалӣ шудани барномаҳои муҳоҷирати кории шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа омили муҳимми ҳалли ин масъала шуд. Махсусан, ба имзо расидан ва тасдиқи «Созишнома миёни Тоҷикистон ва Россия дар бораи фаъолияти корӣ ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва шаҳрвандони Федератсияи Россия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» имкони васеи танзими муҳоҷирати кориро фароҳам меорад. Ҷиҳати татбиқи нақшаи шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати корӣ бо роҳи омӯзиши касбӣ ва ба хориҷа фиристодани шаҳрвандон тадбирҳо барои омодагии касбии кадрҳои коргарӣ амалӣ шуданд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти дарки дақиқи таъсири бухрони иқтисодиёти Россия ба муҳоҷирони меҳнатии кишвари мо дар доираи чорабиниҳои зиддибухронӣ бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор ва муҳоҷирони меҳнатии ба Ватан баргашта

«Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2016-2017»-ро қабул намуд, ки дар асоси он беш аз 300 ҳазор ҷойи нави корӣ таъсис ва барқарор карда шуданд.

Маҳз бо дарназардошти ин гуфтаҳо, диссертатсияи Ш. С. Шеров ба масъалаҳои робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират бахшида шудааст, ки аҳамияти муҳимми назариявӣ ва амалиро доро мебошад.

Муҳиммияти таҳқиқи мавзӯи интихобгардида, пеш аз ҳама, бо сатҳи омӯзиши мавзӯъ алоқаманд аст. Ба ҷуз аз паҳлуҳои алоҳидаи он, масъалаи робитаҳои Тоҷикистону Россия дар соҳаи муҳоҷират дар илмҳои сиёсии ватанӣ дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст. Ин мавзӯъ то ҳол объекти таҳқиқоти алоҳида қарор нагирифтааст. Таҳқиқоти мазкур дар самти омӯзиши ин масъала иқдоми аввалин мебошад. Аз ин рӯ, муҳиммияти ин таҳқиқот дар чунин вазъият ифода меёбад.

Мавзӯи интихобнамудаи муаллиф масъалаи бисёр муҳимми замони муосир буда, барои ҷомеаи мо аҳаммияти ҷиддии ҳам назарӣ ва ҳам амалӣ дорад. Зеро муҳоҷират имрӯз ба як падидаи ҷаҳонӣ табдил гардида, рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Сабаби асосии ин ба тараққиёти наборобари мамлакатҳои дунё вобаста аст, ки аҳолии мамлакатҳои сусттараққӣ рӯ ба мамлакатҳои тараққикарда меоранд. Омилҳои асоси ин зуҳурот дар фарқияти калони сатҳи маош, сатҳи баланди бекорӣ, сатҳи маорифу маълумотнокӣ ва нишондиҳандаҳои демографӣ мебошад (С. 3).

Чунонки, муаллифи диссертатсия дар автореферат қайд менамояд, ки раванди муҳоҷирати меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа асосан дар охирҳои асри ХХ дар баробари аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ гардид, ки тадриҷан дар миёни тамоми аҳолӣ паҳн шудааст. Қобили зикр аст, ки аҳолии Тоҷикистон дар замони шӯравӣ низ тавассути роҳхатҳои корӣ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Россия ва Қазоқистон ҷалб мешуданд, ки муҳоҷирони дохилӣ маҳсуб мегардиданд (С. 4). Аз ин рӯ, худи аҳаммияти мавзӯъ ва худи моҳияти муайянкунанда доштани масъалаи гузошташударо метавон яке аз нуктаҳои мусбати ин таҳқиқот донист.

Дар як арзёбии умумӣ метавон гуфт, ки муаллиф ба ин мавзӯи муҳим бо ҷиддият муносибат намуда, паҳлӯҳои гуногуни онро мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки кори ироашуда як кори ягона мебошад ва миёни бобҳо пайванди зарурии мантиқӣ ва умумияти дастгоҳӣ ба вуҷуд оварда шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо он асоснок карда мешавад, ки аҳамияти назариявию методологии муҳоҷирати аҳолӣ бо дарназардошти

хусусият ва муқаррароти бозори меҳнати мамлакат ифода меёбад, муқаррар гардидааст.

Ба таври умум, автореферати диссертатсия аз рӯйи таркиб ва мазмуни худ кори мустақилонаи илмӣ ва ихтисосӣ мебошад, аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад. Кори илмӣ, пурра ба талаботи муқаррароти КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи диссертатсия барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – масоили сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ сазовор мебошад.

Нуриддин Парвин Раймалихон (Нуриддинов Парвин Раймалихонович), номзади илмҳои сиёсӣ (23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ), сардори раёсати таҳлил ва ояндабнии сиёсати дохилии Маркази тадқиқотии стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ШӮЪБАИ КАДРҲО

_______________ / Нуриддин Парвин Раймалихон /
имзо

Ҷ.М.

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 89,
Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.
Тел.: (корӣ) +992 37 227-27-99
E-mail: panurama@mail.ru

«14» _____июни_____ соли 2021
ш. Душанбе

Имзои П. Р. Нуриддинро тасдиқ менамоям.
Мудири шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус
ва умумии Маркази тадқиқоти стратегӣ

ШУЪБАИ КАДРҲО

Шодиева З. Д. _______________________